# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Каримзода Саъдулло Салим дар мавзуи «Хусусиятҳои жанрӣ дар анъанаҳои фалаки кӯлобӣ ва фалаки помирӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои санъатшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 6.4.3. Санъати мусиқӣ.**

Давраи соҳибистиқлолии кишвар имкон фароҳам овард, ки фарҳанг ва арзишҳои қадими миллати тоҷик, аз ҷумла, илми мусиқишиносӣ тобиш ва ташаккули тоза пайдо намояд. Мусалам аст, ки илми мусиқӣ дар тули роҳи дарози таърихӣ яке аз бахшҳои асосӣ ва такмилдиҳандаи фарҳанги миллӣ маҳсуб мегардид. Аз ин ҷост, ки инсоният аз рӯзҳои аввали пайдоиши хеш ба мусиқӣ ва созҳои мусиқӣ пайвастагии хосса зоҳир намудааст. Бо гузашти замон одамон на танҳо аз садову овои мусиқӣ ҳаловат мебурданд, балки пайи ҷустуҷӯ ва таҳқиқи асрори илми мусиқӣ гаштанд. Ва маҳз ҳамин шавқу завқи инсоният боис гашта, ки то имрӯз илми мусиқишиносӣ ба дараҷаҳои баланд расидааст.

Ба қавли муҳаққиқон, Фалак яке аз жанрҳои муҳими мусиқӣ маҳсуб мегардад, таърихи хеле қадим дорад. Маҳз дар замони соҳибистиқлолии кишвар ба жанри Фалак таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардид. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои гиромидошти ин жанри мардумӣ ҷашни хосса таъсис дода шуд. Ва аз соли 2007 то инҷониб, бо ибтикороти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамасола дар ҷумҳурии мо рӯзи 10-уми октябр ба унвони «Рӯзи Фалак» таҷлил карда мешавад.

Лозим ба зикри махсус аст, ки ин таваҷҷуҳ барои донишмандони соҳаи мусиқишиносӣ баҳри ҳамаҷониба мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор додани жанри Фалак ва дигар анвои мусиқӣ имконот ва шароити мусоидро фароҳам овард. Ҳамин аст, ки пажуҳишгарони тоҷик дар ин замина корҳои арзишманди илмиро ба сомон расониданд. Ва дар ин самт фаъолияти густурда ва фундаменталии профессор Ф.А. Азизӣ шоёни таҳсин мебошад.

Чунин ба назар мерасад, ки бо вуҷуди анҷоми корҳои зиёд дар самти шинохти ҷойгоҳи Фалак дар илми мусиқишиносӣ ҳанӯз ҳам баъзан норушаниҳо боқӣ мондаанд. Аз ин лиҳоз диссертатсияи Каримзода Саъдулло Салим дар мавзуи «Хусусиятҳои жанрӣ дар анъанаҳои фалаки кӯлобӣ ва фалаки помирӣ» дар илми мусиқишиносии тоҷик **мубрам** мегардад.

Барои расидан ба ҳадди камоли таҳқиқ диссертант дар назди худ вазифаҳои зиёд, аз ҷумла, муайян кардани доираи жанрӣ дар анъанаҳои фалаки кӯлобӣ ва фалаки помирӣ, дарёфт кардани пешомадҳои пайдоиши жанрӣ дар Фалак, таҳқиқи ҷараёни шаклсозӣ дар жанрҳои гуногуни Фалак, таҳлили фалакҳои яккисма, таҳлили муфассали фалакҳои силсилавӣ, муайян кардани услуби силсиласозӣ дар Фалак, таҳлили татбиқи асосҳои назариявии жанр дар амалияи муосири Фалак ва амсоли инро гузоштааст.

Маълум мешавад, ки диссертант дар давоми солҳои зиёд ба таҳқиқи мавзуи мазкур машғул гашта, корҳои зиёдеро низ анҷом додааст. Дар баробари ширкат ва суханронӣ дар ҳамоишҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ,

ӯ дар чандин экспедитсияҳои мусиқӣ-этнографӣ ширкат варзида, доир ба мавзуи жанри Фалак ва анвои он маводҳои фаровон ҷамъоварӣ намудааст. Дар ин муддат диссертант дар асоси маводи ҷамъоваришуда таҳқиқотҳои зиёди хешро дар шакли мақолаҳои илмӣ, дастурҳои таълимӣ ва рисолаҳои алоҳида пешкаҳи доираҳои илмии соҳаи мусиқишиносӣ намудааст.

Диссертатсия дар ҳаҷми 223 саҳифа таълиф гардида, аз муқаддима, се боб (7 фасл, 4 зерфасл), хулоса, рӯйхати адабиёт иборат аст.

Дар муқаддима диссертант дар хусуси асоснок кардани аҳаммияти мавзуъ, мубрамии мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, навгонӣ, дараҷаи омӯзиш, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, асосҳои назариявӣ ва принсипҳои методологӣ, саҳми шахсии довталаб, навгониҳои илмии диссертатсия нуктаҳои асосии ба дифоъ пешниҳодшаванда изҳори андеша намудааст.

**Боби аввали диссертатсия «Заминаи жанрии Фалак»** номгузорӣ шуда, аз ду фасл **«Мафҳуми «жанр» дар мусиқишиносӣ»** ва **«Пешомадҳои пайдоиши жанр дар мусиқии суннатӣ»** иборат мебошад. Дар ду фасли ин боб диссертант роҷеъ ба мафҳум ва мавқеъ «жанр» дар илми мусиқишиносӣ ва проблемаҳои марбут ба онро мавриди баррасӣ қарор додааст. Бино ба хулосаи диссертант жанр – тарзи ташаккули асари мусиқист, вале дар илми мусиқишиносӣ муҳаққиқон аз ҷиҳати падидаи мураккабтар будани жанр нисбатан ба сохтори асари мусиқӣ бештар таваҷҷуҳ намудаанд. Чунон ки диссертант менависад, жанр дар илми мусиқишиносӣ маънои мафҳум ва вазифаҳои зиёд аз қабили қолабҳо, синфҳо, авлодҳо ва намудҳои устувори асарҳои мусиқӣ, вазифаи иҷтимоӣ шароит ва воситаҳои иҷро, табиати мазмун ва шакли инъикос ва амсоли инро пайдо кардааст. Ва барои тақвияти андешаи хеш аз таълифоти муҳаққиқон Е. Назайкинский Т.В. Попова, В.А. Тсуккерман, А.Н. Сохор, О.В. Соколов, Т.В. Чередниченко, Г. Бесселер, А.Г. Коробова, Ф. Шаҳобов, И. Раҷабов, Ф. Кароматов, В. Беляев, В. Виноградов, Ф.А. Азизӣ, А. Низомов, А. Раҷабов, А. Ҷумъаев, О. Иброҳимов ва ғайраҳо далеҳои мушаххас овардааст.

Дар асоси таҳлилҳои осори муаллифони болозикр диссертант ба хулосае омадааст, ки коркардҳои мусиқишиноси тоҷик профессор Ф.А. Азизӣ дар муайян кардани жанр дар радабандии Фалак устувор ва илман асоснок мебошанд.

Дар фасли дуюми боби аввал заминаи жанрии мусиқии суннатии Кӯлоб ва Бадахшон (Помир), ки ду анъанаи аслии Фалак аз ин манотиқ пайдо гаштаанд, мавриди баҳсу баррасии диссертант қарор гирифтаанд. Унвонҷӯ кушиш намудааст, ки ба воситаи таҳлили васеи доираи жанрии Фалак моҳияти ин жанри мусиқиро дар мусиқии суннатии минтақаҳои Кӯлоб ва Бадахшон муайян намуда, инчунин ҷойгоҳи фалаксароёни мумтози ин минтақаро низ қайд намояд. Бояд гуфт, ки хулосаҳои таҳлили наът/мадҳия, ки дар ин фасл оварда шудаанд, ҷолиби таваҷҷуҳ мебошанд.

**Дар боби дуюми диссертатсия «Ҳалли композитсионӣ дар жанрҳои Фалак»** унвон дошта, аз ду фасл ва чаҳор зерфасл иборат аст, диссертант роҷеъ ба доираи жанрӣ дар анъанаи фалаки кӯлобӣ ва помирӣ, аз ҷумла,

фалакҳои яккисма, фалакҳои силсилавӣ андешаҳои ҷолиби илмӣ баён намудааст.

Дар фасли мазкур диссертант баъди овардани анвои гуногуни Фалак дар минтақаҳои Кӯлоб ва Бадахшон дар хусуси таърихи пайдоиш, умумият ва тафовути фалакҳои яккисмаю фалакҳои силсилавӣ изҳори назар намудааст. Ӯ қайд менамояд, ки бо вуҷуди мавҷудияти баъзе умумият дар иҷроиши баъзе намудҳои жанри Фалак дар ин ду минтақа тафовутҳои алоҳидае ба назар мерасад.

Муаллифи диссертатсия қайд менамояд, ки аксари анвои Фалак ҳам фалакҳои яккисма ва фалакҳои силсилавӣ дар Бадахшон ҷабҳаи фолклорӣ доранд. Аз ҷумлаи фалакҳои яккисмаи Фалак, Фалак-Муноҷот, Фалак-Фарёд, Бепарвофалак, Фалак-Гиря, фалаки мотамӣ, ки дар Бадахшон бештар маъруфанд, Фалак, Фалак-Фарёд, Фалак-Гиря, фалаки мотамӣ, навъи фолклорианд.

Фалакҳои силсилавии помирӣ, аз ҷумла, Фалак-Рапо, Фалак-Мадҳия, Фалак-Ҳайдарӣ ва Фалак-Ситоиш дуқисма ва панҷқисма мешаванд. Диссертант дар ин фасл ҳар як навъи фалакро бо овардани мисолҳои мушаххас шарҳу тавзеҳ додааст.

Дар ду зерфасли фасли дуюми боби дуюм, ки **«Фарогирии жанрӣ дар анъанаи фалаки кӯлобӣ»** ном дорад, дар хусуси ду навъи фалаки яккисмаи кӯлобӣ ва қисмҳои **фалаки силсилавии** кӯлобӣ таҳлилҳои ҷолиби илмӣ аз тарафи дессертант пешниҳод гардидааст. Ҳамчунин, дар ин фасли диссертатсия дар хусуси анвоъ ва тарзи иҷрои фалакҳои силсилавӣ маълумотҳои илмӣ пешниҳод карда шудааст.

Таҳлили фалакҳои ҳар ду анъана ба диссертант имкон додааст, ки хусусиятҳои умумӣ ва фарқкунандаро дар Кӯлоб ва Бадахшон (Помир) муайян намояд.

**Боби сеюмро диссертант «Татбиқи масъалаҳои назарияи жанрӣ дар амалияи муосири Фалак»** номгузорӣ намуда, онро ба се фасл **«Мавқеи калидии Фалаки Равона дар анъанаи фалаки кӯлобӣ», «Меъёрҳои асосии жанрии Фалак» ва «Амалҳои бастакорӣ зимни фалакхонӣ»** тақсимбандӣ намудааст.

Дар фаслҳои ин боб диссертант такя ба пажуҳиши мусиқашиносони тоҷик, аз ҷумла, профессор Ф.А. Азизӣ дар хусуси ду қолабзари аслӣ – равона ва навъҳои он дар фалаки кӯлобӣ ва ситоиш дар фалаки помирӣ андеша ва хулосаҳои илмии хешро баён намудааст.

Диссертант дар фасли дуюми боби мазкур бо мақсади муайян намудани меъёрҳои асосии жанрии Фалак дар амалияи илми мусиқӣ ва эътирофи он ҳамчун навъи мақомот таҳлилҳои хуби илмӣ пешниҳод намудааст.

Дар **фасли сеюм** унвонҷӯ кӯшиш ба харҷ додааст, ки бо овардани мисолҳои мушаххас дар мисоли таҳлили се намунаи эҷоди фалакхонҳои номии тоҷик Одина Ҳошим, Давлатманд Хол ва Файзалӣ Ҳасан ҷараёни бастакориро дар замони муосир нишон диҳад. Бо зикру таҳлили мушикофона диссертант маҳорати волои оҳангсозии устодони барҷастаро дар жанри фалак

таҳлил намудааст. Ӯ зикр менамояд, ки дар баробари умумият, тафовутҳои зиёд дар иҷро ва оҳангсозӣ миёни устодон ба назар мерасад.

Хулосаи диссертатсия, ки дар 9 банд пешниҳод гардида, аз ҳамаҷониба мавриди омӯзиш ва пажуҳиш қарор гирифтани мавзуи интихобгардида аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дарак медиҳад.

Автореферати диссертатсия бо забони хеле хуби илмӣ навишта шудааст ва ин далели рушану возеҳи он аст, ки муаллиф барои анҷоми таҳқиқоти хеш заҳмати зиёде кашида, то кори илмии судманде ба анҷом расондааст.

Дар фишурдаи барои тақриз пешниҳодгардида баъзе нуқсон ва камбудиҳо ба назар расиданд, ки бо мақсади зам гаштани қиммати бештари илмии он баёнашонро лозим медонам:

1. Дар кори диссертатсионӣ роҷеъ ба саҳми фалаксароёни халқӣ дар эҳё ва мақоми ин жанр камтар ишора шудааст;
2. Дар автореферат номи чанд муҳаққиқ нишон дода мешавад, аммо дар қавси мураббаъ як асар нишон дода шудааст (автореф., с. 13);
3. Дар матни афтореферат баъзан хатоҳои услубӣ ба назар мерасанд (с. 3, 5, 9, 10, 13, 15, 17, 18);
4. Иқтибосҳо баъзан бидуни саҳифаҳо нишон дода шудаанд (с. 22, 23);
5. Хатоҳои имлоӣ ва китобӣ ҷо доранд (с. 3,13, 14. 17, 20).

Албатта, ин эродҳои мо хусусияти ҷузъӣ дошта, ба ҳеҷ ваҷҳ ба арзиш ва аҳаммияти илмию амалии ин кори таҳқиқӣ таъсири манфӣ намерасонанд.

Мазмун ва муҳтавои фишурдаи он, ки бо ду забон: тоҷикӣ ва русӣ таълиф шудааст, комилан ба талаботи меъёрҳои муқараргардида мувофиқат менамояд. Афтореферат мундариҷаи кор ва мазмуну муҳтавои он дар 28 таълифоти илмӣ, аз ҷумла, 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА ҶТ, 16 мақола дар маҷмуа ва нашрияҳои дигари илмӣ, 1 китоби дарсӣ-амалӣ, 1 монография (дар ҳаммуаллифӣ бо роҳбари илмӣ), 2 барномаи таълимӣ (яке дар ҳаммуаллифӣ бо роҳбари илмӣ), 2 дастури таълимӣ (яке дар ҳаммуаллифӣ бо роҳбари илмӣ ва дигарон) интишор ёфтаи диссертантро доир ба мавзуи мавриди назар пурра инъикос мекунанд.

Хулоса, диссертатсияи Каримзода Саъдулло Салим дар мавзуи «Хусусиятҳои жанрӣ дар анъанаҳои фалаки кӯлобӣ ва фалаки помирӣ» **кори анҷомёфта** маҳсуб гардида, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳияи авторефератҳо ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он сазовор дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои санъатшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 6.4.3. Санъати мусиқӣ аст.

**Муқарриз:**
доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи адабиёти тоҷики ДДК ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ Асозода Ҳ.Р.

«28» майи соли 2026.

**Нишонӣ:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Кӯлоб, маҳаллаи Р. Солеҳов, № 5.
Тел.: (+992) 918633745.
E-mail: hamadoni@mail.ru

Имзои Асозода Ҳ. Р.-ро
тасдиқ мекунам:
Сардори РК КМ-и ДДК
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ: Давлатов М.А.
Ҷ.М.

Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров 16.
Тел.: 2-35-06, 2-35-09.
E-mail: info@kgu.tj, www.kgu.tj

«28» майи соли 2026.